*Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-045 дар
назди МДТ «ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров»
735700, ш.Хуҷанд, кӯчаи Мавлонбеков 1*

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Абдуллоев Акмал Абдуҷаборович дар мавзӯи "Воситаҳои инструменталии муайян намудани самаранокии амнияти иттилоотӣ дар таълими фосилавӣ", ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯи ихтисоси 6D050600 - Иқтисодиёт (6D050605 - Методҳои математикӣ ва афзорӣ (инструменталӣ) дар иқтисодиёт), пешниҳод шудааст.**

Дар шароити иқтисодиёти бозорӣ барои баланд бардоштани самаранокии амнияти иттилоотӣ дар таълими фосилавӣ воситаҳои инструменталӣ яке аз омилҳои асосии рушд ва такмили низоми идоракунӣ дар соҳаи маориф мебошад. Лекин, мутаассифона, дар раванди амнияти иттилоотӣ як қатор мушкилиҳо ба назар мерасанд, ки зарурати таҳлили ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии онро талаб менамояд, ки мубрамии мавзуи таҳқиқотро тасдиқ менамояд.

Автореферат инъикос мекунад, ки рисола аз чанбаи сохторӣ аз мукддима, се боб, хулоса ва тавсияҳо, руйхати адабиёти истифодашуда иборат буда, ҳадаф ва маҷмӯи вазифаҳоро мантиқан дуруст арзъебӣ карда, ҳалли пурраи онҳоро инъикос менамояд.

Рисола дорои навгониҳо буда, нававарии илмии тадкиқоти гузаронидашуда дар таҳия ва асосноккунии дастгоҳи методӣ ва алгоритми баҳодиҳии самаранокии ҳифзи иттилоот дар низоми таҳсилоти фосилавии донишгоҳ мебошад.

Натиҷаҳои асосии рисола дар 9 мақолаҳои илмӣ, инчунин 5 мақола дар нашрияҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп гардидаанд.

Дар автореферати тақризшаванда дар баробари ҷанбаҳои мусбӣ, баъзе камбудиҳо низ ҷой доранд, инчунин:

1. Дар саҳифаи 18, ҷадвали 1. - Таҷҳизотҳои лозима барои ташкили шабакаи компютерии МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров», оварда шудааст, ки ин нишондиҳанда аз рӯи ҳама меъёрҳо қобили қабул аст. Динамикаи арзишҳои талафот дар давраи соли 2021 низ арзёбӣ шуд, ки тақсимоти тақрибан мутаносиби талафотро дар семоҳа инъикос

мекунад. Хуб мешуд бо ин нишондиҳандаҳо дар давоми сол ҳам оварда шаванд.

2. Ҳангоми таҳлили маводи оморӣ бояд арзъёбии илмии онҳо пурзӯр карда шавад.

3. Дар автореферат хатоҳои имлоӣ ва техникӣ ҷой доранд.

Аммо камбудҳои зикргардида мохияти назариявӣ ва амалии диссертатсияи мазкурро паст намекунад ва характери тавсиявӣ доранд.

Дар маҷмуъ, аз тахлили автореферат бармеояд, ки диссертатсияи Абдуллоев Акмал Абдуҷаборович дар мавзӯи актуалӣ омода шуда, ба талаботҳои Комиссияи олии Аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯй буда, муаллифи он сазовори дараҷаи номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 6D050600 - Иқтисодиёт (6D050605 - Методҳои математикӣ ва афзорӣ (инструменталӣ) дар иқтисодиёт), мебошад.

**Тақриздиҳанда:**
**н. и. и., дотсенти кафедраи**
**иқтисодиёти муҳандисӣ ва менеҷменти**
**Донишкадаи политехникии**
**Донишгоҳи техникии Тоҷикистон**
**ба номи академик М. Осимӣ** _______________ **Баҳодурова С.А.**

**Имзои Баҳодурова С.А-ро тасдиқ менамоям.**

**Мудири шуъбаи кадрҳои**
**Донишкадаи политехникии**
**Донишгоҳи техникии Тоҷикистон**
**ба номи академик М. Осимӣ** _______________ Ёқубова М.А

«02» 12 **2023г.**

**Суроға:**
**735700 ш. Хуҷанд, Хиёбони И.Сомонӣ 226**